07.02.2017 08:52



Бахшида ба муносибати тачлили 24-умин солгарди таъсисёбии Куввахои Мусаллахи Чумхурии Точикистон, дар тамоми чузъу томхои Артиши миллӣ чорабинихои гуногуни варзишию фарогати гузаронида мешаванд. Мутобики накшаи тахиягардидаи рохбариати Вазорати мудофиа дар якчоягӣ бо дигар сохторхои марбута бахшида ба ин санаи мухим дар кисмхои харбӣ ва макотиби миёна вохӯриву сухбатхои гуногун барпо мегардад.

Имрӯзхо дар толори Мачмааи варзишии солимгардонии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Хукумати Чумхурии Точикистон байни афсарон ва прапоршикони Дастгохи марказии Вазорати мудофиа, Ситоди генералии Куввахои Мусаллах, раёсатхои навъхои кӯшун ва Донишкадаи харбӣ, литсеи харбӣ ва комиссариатхои харбии нохияхои тобеи  чумхурӣ, шахри Душанбе ва кафедрахои харбиии назди муассисахои олиии Чумхуриии  мусобикаи варзишӣ доир гардида, он аз рӯи намудхои, футболи хурд тенниси рӯи миз, гирбардорӣ ва дастхобонӣ ташкилу ба рох монда мешавад.

Дар мусобика варзишгарони дастахои чузъу томхои Куввахои Мусаллах ширкат варзиданд.   Ин мусобикахо аз 26 январи соли равон огоз гардида, то 21 феврал идома меёбанд.




Максад аз баргузории чунин чорабинихо дар байни чузъу томхои Куввахои Мусаллах ин пеш аз бехтар намудани тарзи хайёти солим байни низомиён ва муайан кардани бехтарин дастахои варзишии ин сохтори кудратӣ мебошад.

Дар огози ифтитохи  чорабинии варзишӣ, муовини вазири мудофиа полковник Латифзода Асрор Курбон суханронӣ намуда, барои иштироки фаъолона ва дарёфти чойхои намоён ба хамагон бурбориву комёбихо таманно намуд.

Масъулияти гузаронидани ин чорабинии варзиши ба зимаи Клуби марказии варзишии артиш вогузор шуда, аз натичаи чамъбасти он дар шумораи ояндаи рӯзнома муфассал гузореш хохем дод.

МАРКАЗИ МАТБУОТИ ВАЗОРАТИ МУДОФИАИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН